ТДУ 338.431(575.34)

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИНФИРОДӢ ДАР СЕКТОРИ АГРАРИИ КИШВАР

**Иброҳимзода О. Ю.- унвонҷӯи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ**

***Калидвожаҳо:*** *фаъолияти хоҷагидорӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, аграрӣ, даромад, кишоварзӣ, маҳсулот, хоҷагиҳои хонагӣ.*

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва муносибатҳои бозорӣ, соҳибкорӣ чун фаъолияти махсус дар рушди иқтисодиёти миллӣ нақши муҳимро мебозад. Маҳз рушди соҳибкорӣ боиси ташкил додани ҷойҳои нави корӣ ва яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии мардум мегардад. Баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми шароит барои машғул гардидан ба фаъолияти соҳибкорӣ, муҳайё гардид.

Соҳибкор метавонад ҳар кадом намуди фаъолияти хоҷагидориро, ки аз тарафи қонун манъ карда нашудааст, аз он ҷумла миёнаравии тиҷоратӣ, хариду фурӯш, маслиҳатдиҳӣ ва дигар намуди фаъолият, инчунин амалиётҳо бо қоғазҳои қимматнокро ба амал барорад.

Лозим ба тазаккур аст, ки шароити кунунии пешбарии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ба мавҷудияти мушкилиҳои амиқи марбут ба дастёбии субъектҳои соҳибкории хурду миёна ба бозор ифода ёфааст, ба монанди қобилияти пасти пардохти аҳолӣ, болоравии хароҷоти нақлиётӣ ва дигар пардохтҳо, душвории дастрасӣ ба сарчашмаҳои ашёи хом, технологияҳои нав, сармояи қарзӣ. Дар бисёрмавридсоҳибкор на ин, ки дар андешаирушдибизнеси худ балки дар фикрибарҷомонӣмебошад. Таҳлили вазъ ва рушди кунунии соҳибкорӣ нишон медиҳад, ки маҷмӯи мамониатҳои иқтисодӣ ва маъмуриву ҳуқуқӣ аз тарафи мақомоти идораи давлатӣ ва инчунин мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вуҷуд доранд.

Барои таҳлиливазъи муосири рушди соҳибкории ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилинишондиҳандаҳои асосии фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ ва корхонаҳои хурду миёназарур аст.

**Соҳибкории инфиродӣ** – фаъолияти мустақилонаи шахси воқеӣ мебошад, ки бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ аз номи худ ва тавакалона бо масъулияти амволии худ, ба гирифтани фоида (даромад) равона карда шудааст.

**Ҷадвали 1.- Шумораи шаҳрвандоне, ки ба фаъолияти инфиродии меҳнатӣ машғуланд (аз рӯи шумораи шаҳодатнома ва патентҳои додашуда)**

| | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* | *2016* | *2017* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ, ҳаз.нафар** | **115,2** | **197,0** | 174,8 | **211,3** | **243,8** | **257,1** | **270,1** |
| аз онҳомашғулин, фоиз | | | | | | | |
| -дар хизматрасониимаишӣ | 5,8 | 8,7 | 2,8 | 3,0 | 2,9 | 2,0 | 2,5 |
| -дар соҳаиичтимой-фарҳангӣ | - | - | 0,3 | - | - | 0,7 | - |
| -дар савдовахӯрокиумумӣ | 46,7 | 45,2 | 42,8 | 68,0 | 35,2 | 32,7 | 39,8 |
| -дигарнамудҳоифаъолият | 62,7 | 46,1 | 54,1 | 29,0 | 61,9 | 64,6 | 57,7 |

***Сарчашма:Маҷмӯаи оморӣ//*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон// Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон /Душанбе, 2018.- С.221*

Тайи 7 соли охиршумораи шаҳрвандоне, ки ба фаъолияти инфиродиимеҳнатӣ машғуланд,азрӯи шумораи шаҳодатнома ва патентҳои додашуда соли 2011 аз 115,2 ҳаз. нафар ба соли 2017 -270,1 ҳаз. нафар расид, ки афзоиш се баробар аст.

Субъектҳои соҳибкории хурд шахси ҳуқуқие мебошанд, ки шумораи миёнаи кормандон дар давраи соли тақвимӣ на зиёдтар аз 30 нафар, барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ то 50 нафар мебошад.

Хоҷагиҳои деҳқоние, ки дар солҳои таҳлилӣ ҳисоботи ба қайд гирифта шудаанд дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. -Фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-таисолҳои 2011-2017**

| | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* | *2016* | *2017* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Теъдодихоҷагиҳои ба қайдгирифташудаидеҳқонӣ, воҳид | 58313 | 73806 | 87594 | 108035 | 130176 | 145107 | 164631 |
| Заминиистифодаикишоварзӣ, ҳаз.гектар | 2624,7 | 2589,4 | 2580,8 | 2558,3 | 2557,1 | 2591,5 | 2571,9 |
| Андозаимиёнаимасоҳатизамин, гектар | 45,0 | 35,1 | 29,5 | 23,7 | 19,6 | 17,9 | 15,6 |

***Сарчашма:*** *Маҷмӯаи оморӣ// Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон// Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон/Душанбе, 2018.- С.221*

Теъдоди хоҷагиҳои деҳқонии бақайдгирифташуда дар соли 2011 -58313 адад, соли 2012 -73806адад, соли 2013- 7594 адад, соли 2014 -108035 адад, соли 2015 - 130176 адад, соли 2016 -145107 адад, соли 2017 - 164631 адад расид. Афзоиши теъдодихоҷагиҳои деҳқонии бақайдгирифташуда дар ҳафт соли охир се маротиба зиёд шуда аст, ки ин нишондиҳанда ҳоло ҳам қаноатмандкунанда нест.

**Ҷадвали 3.-Масоҳати киштзори кишоварзӣ аз рӯйи истифодабарандагони замин.**
**Киштзорҳои кишоварзӣ ҳамагӣ (ҳазор гектар)**

| Сол-ҳо | Ҳамагӣ киштзор икишов арзӣ | Корхонава ташкилотх оикишовар зӣ | аз он ҷумла: | | | | Хоҷагиҳо идеҳқонӣ | ғайр аз он,китъаҳ оиназдиҳ авлигииа ҳолӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | хоҷагиҳо идеҳқони иколлект ивӣваинф иродӣ | Хоҷагиҳ оидавла тӣ | муасси - саҳоиба йни - хоҷагӣ | дигарко рхонаҳо и кишова рзӣ | | |
| **1991** | 4232,7 | 4232,7 | 1353,5 | 2671,5 | 121,8 | 85,9 | - | 75,5 |
| **2012** | 3614,7 | 1025,3 | 142,3 | 517,5 | 81,4 | 284,1 | 2589,4 | 268,2 |
| **2013** | 3617,5 | 1036,8 | 149,2 | 516,8 | 81,4 | 289,4 | 2580,7 | 269,2 |
| **2014** | 3604,6 | 1046,3 | 146,6 | 533,6 | 81,4 | 284,7 | 2558,3 | 269,8 |
| **2015** | 3611,9 | 1054,8 | 105,5 | 510,4 | 81,5 | 357,4 | 2557,1 | 270,3 |
| **2016** | 3638,5 | 1047,0 | 109,2 | 503,4 | 63,8 | 370,6 | 2591,5 | 271,0 |
| **2017** | 3658,2 | 1086,3 | 100,1 | 538,3 | 65,7 | 382,2 | 2571,9 | 271,5 |

**Сарчашма:Маҷмӯаи оморӣ// Омори кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон// Агнетии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон/Душанбе, 2018.- С.19**

Масоҳати заминҳои дар истифодаи кишоварзии хоҷагиҳои деҳқонӣ буда дар соли соли 2012-2589,4 ҳаз. гектар, соли 2013 -2580,8 ҳаз. гектар, соли 2014 -2558,3 ҳаз. гектар, соли 2015 -2557,1ҳаз. гектар, соли 2016-2591,5 ҳаз. гектар, соли 2017 -2571,9 ҳаз. гектар мерасад. Заминҳои дар истифодаи кишоварзӣ будаи дар соли 2017- 2571,9 ҳаз. гектар нисбат ба соли 2012 - 2589,4 ҳаз. гектар аст, ки 17,5 ҳаз. гектар кам мебошад.

Ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои аҳолӣ аз ҷумла чорводорӣ ва растанипарварӣ дар ҳоли рушд қарор дорад, ки дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

**Ҷадвали 4.-Ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои таҳлилӣ(бо нархҳои муқоисавии соли 2016) (млн. сомонӣ)**

| | 1991 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Хоҷагиҳоиаҳолӣ** | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 12436,2 | 11755,4 | 12780,7 | 13225,4 | 13267,4 | 13794,4 | 14426,6 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | |
| Растанипарварӣ | 8034,9 | 6869,0 | 7538,6 | 7291,3 | 6887,8 | 7007,1 | 7243,4 |
| Чорвопарварӣ | 4401,3 | 4886,4 | 5242,1 | 5934,1 | 6379,6 | 6787,3 | 7183,2 |
| **Хоҷагиҳоидеҳқонӣ** | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | - | 5969,9 | 6269,9 | 6637,1 | 7318,9 | 7991,3 | 8962,0 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | |
| Растанипарварӣ | - | 5802,1 | 6083,1 | 6441,9 | 7097,2 | 7772,2 | 8722,2 |
| Чорвопарварӣ | - | 167,8 | 186,8 | 195,2 | 221,7 | 219,1 | 239,8 |

**Сарчашма:Маҷмӯаи оморӣ// Омори кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон// Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон/Душанбе, 2018.- С.16**

Тавре аз ҷадвали 4 маълум гардид, ки ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар хоҷагиҳои аҳолӣ, аз ҷумла растанипарварӣ соли 2012- 6869,0 млн. сомонӣ, ва соли 2017- 7243,4 млн. сомониро ташкил дод, ки афзоиш ба 5,45% баробар аст. Чорводорӣ бошад дар соли 2012 -4886,4 млн. сомонӣ, соли 2017 -7183,2 млн. сомонироташкилмедиҳад, киафзоиш 47% мебошад.

Дар хоҷагиҳоидеҳқонӣбошад, растанипарварӣ соли 2012-5802,1 млн. сомонӣ, соли 2017-8722,2 млн. сомонироташкилменамояд, киафзоиш 50% аст, хеленазаррасмебошад. Чорвопарварӣ дар дарсолҳоитаҳлилӣ 2012 - 167,8 млн. сомонӣва соли 2017 бошад239,8 млн. сомонироташкилмедиҳад, киафзоиш 42,9% баробармебошад.

Ҳамчунин, Вазорати кишоварзӣ ва Академияи илмҳои кишоварзӣ вазифадоранд, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иҷрои барномаҳои қабулшудаи соҳаро таъмин карда, доир ба корҳои иҷрошуда ҳар шаш моҳ ба Ҳукумати мамлакат маълумот пешниҳод намоянд.

Илова бар ин, зарур аст, ки аз ҳисоби заминҳои бекорхобидаву доманакӯҳҳо майдони боғу токзор, аз ҷумла боғҳои интенсивӣ мунтазам зиёд карда шавад.

Дар 27 соли соҳибистиқлолӣ 190 ҳазор гектар заминҳои корам аз гардиши кишоварзӣ бароварда шуда, майдони заминҳои наздиҳавлигӣ дар кишвар 135 ҳазор гектар, аз ҷумла аз ҳисоби заминҳои обӣ 52 ҳазор гектар зиёд шудааст.[1]

Чи тавре, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар бармеояд: «Давлат ва Ҳукумати кишвар таъмин намудани пешрафти соҳаи соҳибкориро яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти худ қарор дода, барои дастгирии соҳибкорон, таъмини шароити мусоиди ташаккули соҳа тавассути муқаррар кардани имтиёзҳои мухталиф дар соҳаи андозбандӣ, пардохти боҷи гумрукӣ, ҷорӣ намудани мораторий барои санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ тамоми чораҳои зарурӣро амалӣ месозад.Бо мақсади рушди соҳибкории хурду миёна ва дастрасии соҳибкорон ба захираҳои қарзӣ мо аз ҳисоби буҷети давлатӣ Фонди дастгирии соҳибкориро таъсис додаем, ки то имрӯз дар 47 шаҳру ноҳия ба субъектҳои зиёди соҳибкории истеҳсолӣ бо фоизҳои паст дар ҳаҷми 95 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзноки дарозмуддат додааст. Имсол ба фонди мазкур ҷудо намудани 120 миллион сомонӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба нақша гирифта шудааст. Инчунин, бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд фақат дар соли 2015 ба субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ зиёда аз 7 миллиард сомонӣ қарз додаанд, ки нисбат ба соли қаблӣ 26 фоиз зиёд аст". [2]

Дастгирии молиявии соҳибкорони кишоварзӣ яке аз воситаҳои дастгирии молиявии соҳибкорони кишоварзӣ яке аз воситаҳои пуркудратии рушди соҳа ба ҳисоб меравад. Дар тамоми марҳилаҳои кор аз шудгор сар карда то ғунучини ҳосил фермер ба маблағ эҳтиёҷ дорад. Меъёрҳои баланди фоизҳои маблағҳои кредитию молиявии худи расмиёти дарёфти онҳо ба ҳеҷ як меъёре мутобиқат наменамоянд. Шартномаҳои фючерсӣ истеҳсолкунандагони кишоварзиро, инчунин хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-ро ба қарздории калон ё муфлисшавӣ оварда расониданд. Ҳамзамон дар ҳамаи мамлакатҳои мутаракқии фермерҳо бо ширкатҳои фиючерсӣ кор мекунанд ва рӯ ба инкишофанд.

Корхонаҳое, ки дар он соҳибкорон фаъолияти худро оғоз менамоянд, одатан хурд мебошанд ва сармояи ибтидоии начандон калон доранд.Дар мамлакатҳои гуногун корхонаҳои хурд андозҳои гуногун доранд. Масалан, дар ИМА мувофиқи таърифи маъмурияти бизнеси хурд (SBA) ба қатори корхонаҳои хурд он намуди корчаллонӣ дохил карда мешавад, ки шумораи кормандонашон то 500 нафар буда, фурӯши маҳсулоти солонааш то 3,5 млн долларро ташкил диҳад. ДарТоҷикистон ба сифатикорхонаҳоихурд он корхона (фирма) дохил карда мешавад, кишумораикормандонашон то 50 нафарроташкилдиҳад (15 нафар дар тиҷорат). Мутахассисон пешгӯи мекунанд, ки дар асри XXI ҳамк орчалонии хурд барои тараккиёти иқтисодиёт низ мусоидат менамояд.[3]

Хулас, таҳлилҳо нишон доданд, ки рушди маблағгузорӣ ба соҳибкории инфиродӣ дар сектори аграрии кишвар қаноаткунанда нест. Беҳтар мешуд агар бизнес-нақшаҳое, ки аз ҷониби соҳибкорони соҳаи комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ пешниҳод мегарданд, аммо аксари онҳо бо сабаҳои гуногун маблағгузорӣ намешаванд, тавассути машварату дастгирии мутахассисони соҳа мавридиислоҳкарор дода шуда, маблағгузорӣ гарданд.

Ба ақидаи мо барои мукаммалгардонии механизм ва сохтори молиявӣ-қарзӣ, дастгирии субъектҳои соҳибкории ифиродӣ дар сектори аграрии кишвар ба қарзҳои имтиёзноки давлатӣ истифодаи роҳҳо ва усулҳои зерин мувофиқи мақсад аст:

- таъсиси фондҳои дастгирии молиявие, ки ба субъектҳои соҳибкории инфиродӣ бо қарзҳои хурди имтиёзнок пешниҳод намоянд;

- коркарди пешниҳодҳои қобили қабул оид ба паст кардани меъёри фоизи қарзҳои бонкӣ ва дигар ташкилотҳои молиявие, ки ба субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣқарз медиҳанд;

- мукаммалсозии механизми қарзӣ ва сохтории худмаблағгузории субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ (кооперативҳои қарзӣ);

- мукаммалсозии механизми маблағгузории давлатӣ дар қисми меъёрҳои қарзҳои бонкҳои тиҷоратие, ки ба соҳибкории истеҳсолӣ маблағгузорӣ мекунанд;

- омода намудани системаи баргардонидани пардохтҳои фоизи қарзҳои бонкие, ки субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ барои ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ ва таҷҳизотҳои наву замонавӣ мегирад;

-қарзҳои имтиёзноки фонди дастгирии соҳибкорӣ маҳз ба унвонии ҳамон субъектҳои соҳибкории истеҳсолие равона карда шаванд, ки дар воқеъ бе дастгирии давлатӣ фаъолият карда наметавонад.Мутаассифона, аксар вақт воситаҳои қарзии имтиёзнокеро, ки аз буҷетидавлатӣҷудо карда мешаванд соҳибкороне ба даст меоранд, ки имконияти истифодаи қарзҳоро аз бонкҳои тиҷоратӣ доранд. Аммо соҳибкороне, ки бо сабаби баланд будани меъёри фоизаз қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ истифода бурда наметавонанд, аз дастгирии давлатӣ истифода бурда наметавонанд;

-ҷустуҷӯ намудани роҳҳо ва усулҳои пешниҳоди имтиёзҳои иловагии андозӣ ба сармоягузороне, ки воситаҳои молиявии худро дар лоиҳаҳои дарозмӯҳлат ва ё лоиҳаҳои нави субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ, хусусан фаъолиятҳое, ки дар рӯйхати шаклҳои афзалиятдоштаифаъолияти соҳибкорӣ дохил мешаванд (дар самти ворид намудан ва истифодаи технологияиинноватсионӣ) равона месозанд.

Ҳамзамон давлат бояд чораҳои зеринро ҷиҳати рушди соҳибкории инфиродӣ дар сектори аграрии кишвар роҳандозӣ кунад:

1) Хоҷагиҳои инфиродии оилавӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ дар оянда бояд ба кооперативҳои истеҳсолӣ табдил дода шавад.

2) Аз тарафи ҳукумат механизми дасгирии молиявии хоҷагиҳои кишоварзӣ дар амал ҷорӣ карда шавад.

3) Бо мақсади ташкили устуворӣ хоҷагиҳои нав масъалаҳои суғуртакунонӣ дар сатҳи давлат бояд ҳал карда шавад.

4. Дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби аз худ кардани талу теппаҳо ва дигар заминҳои бекорхобида имконияти зиёд кардани майдони кишт дар ноҳияҳои Данғара, Вахш(мавзеи Тошробод), Қумсангир(мавзеи Қародум), Қубодиён(мавзеи Юлдуз- Қоқ), дар ҳудуди марзию маъмурии ноҳияҳои Ашт, Мастчоҳ, Истаравшан ва дигар ноҳияҳои вилояти Суғду Хатлон мавҷуд аст.Аз худ кардани ин заминҳо маблағи зиёдро талаб мекунад, аммо умед аст, ки вобаста ба пайдо гардидани имкониятҳои молиявӣ, махсусан бо ҷалби сармоягузарони дохилӣ ва хориҷӣ дар ин раванд корҳо идома дода хоҳад шуд.

5. Дар мамлакат набояд истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ аз ҳисоби муносибат ба замин кам карда шавад. Дар мавриди пайдо шудани чунин ҳолат, камшавии маҳсулот бояд ҳамзамон аз ҳисоби аз худ кардани заминҳои нав, истифодаи натиҷаи илм ва интенсификатсияи истеҳсолот таъмин карда шавад. Эҳтимолият ва оқибатҳои воқеии риоя накардани тартиби муносибат ба замин бояд яке аз омили муҳим дар раванди қабули ҳамагуна қарорҳо оид ба фаъолияти хоҷагидорӣ ва тарҳрезии лоиҳаҳо бошад.

**АДАБИЁТ**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2018
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар 20-январи соли 2016
3. Жиделева В.В., Кантейн Ю.Н., Экономика предприятия. Учебное пособие – М.: ИНФРА, 2000
4. Комилов С.Д. Государственное регулирование развития предпринимательства- Душанбе, 2004
5. Конститутсияи ҶТ. [аз 6 ноябри соли 1994 ботағйируиловаҳои аз 26.09.1999 ва 22.06.2003]- Душанбе, 2011. - С.10
6. Кетько Н.В. Малые формы бизнеса как инструмент антикризисной политики государства/ Н.В. Кетько// Известия ВолгГТУ, 2011. - №12. - С.34-39
7. Қонуни ҶТ. Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.[аз 10 майи 2002, №46 / Ахбори МО ҶТ соли 2002, №4, қ-1, мод. 293; с.2005, №7, м.400; с.2007, №5, м.364; с.2008, №12, қ-2, м.997; с.2011, №701]. http://www.majlisimilli.tj/en/index/index/pageId/208/.



**АННОТАЦИЯ**

**ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ИНДИВИДУАЛЬНОЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО В АГРАРНОМ СЕКТОРЕ СТРАНЫ**

В условиях рыночной экономики, предпринимательство как отделная деятельность играет важную роль в развитие национальной экономики. Эта сфера экономики создаёт такую атмосферу благоприятной конкуренции, что бы было устойчиво в условиях рыночной экономики. А также создать новые рабочие места в сфере потребления, что в свою очеред могут повлият на повышение уровня жизньи. С этой точки зрения автор, в своей статье постарaлься разместить научно обоснованные факты. Кроме этого, автор поставил цели для изучения и анализа следуюших проблем: количество граждан, которые заняты индивидуальной трудовой деятельностю, деятельности дехканских хозяйств в годы анализа, доля сельскохозяйственных земель у землипользователей, валовая сельскохозяйственная продукция. Одновременно автору удалось показать научно обоснованные основы для того, чтобы решили проблемы сельскохозяйственной деятельности село.

**ANNOTATION**

**FORMATION AND DEVELOPMENT INDIVIDUAL ENTREPRENEURSHIP IN THE AGRICULTURAL SECTOR MOTHERLAND**

Economic activity plays an important role in the development of the national economy. This area of the economy will create an atmosphere conducive to competition. And also create new jobs in the field of consumption. The author of a scientific article in this article publish evidence-based facts. In addition, the author set goals for the study and analysis of the following problems: At the same time, the author was able to show the problems associated with the agricultural activity of the village.



***Key words:*** *economic activity, dekhan farms, agricultural, profit, agriculture, product, household.*